# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа**

Дар фалсафа ва илми муосир муқаррароте қабул гардидааст, ки воқеан иттилоот мақоми мафҳуми марказиро дар манзараи муосири илмии олам гирифта, саҳми он ҳатто дар қабули қарорҳои идоракунии истеҳсолот, ҷамъият, тафаккур ва ҳалли масъалаҳои рӯзмарра ба дараҷае афзудааст, ки он ба қатори ду омили ҳаётан муҳими дигар - материя ва энергия шомил гаштааст. Ҳоло омилҳои сегонаи материя-энергия-иттилоот ба зумраи он ғизоҳое табдил ёфтаанд, ки инсони қарни нав мазмуну мундариҷаи ҳаёт ва фаъолияти ақлонию ҷисмонии худро дар такя ба онҳо ба низом овардааст. Иттилоот ҳамчун мафҳуми умумиилмӣ диққати олимон, муҳаққиқон ва коршиносони ҳама соҳаҳоро аз табиатшиносӣ то гуманитарӣ ҷалб намудааст. Онҳо дар таҳқиқоти хеш иттилоотро захираи муҳими ҷомеаи муосир шуморидаанд. Аз нигоҳи онҳо, имрӯз низомҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва технологӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи имрӯза реша давонда, ба таври муттасил муҳити умумӣ ва арзишҳои моро дигаргун сохта истодаанд. Дар чунин шароит одамонро зарур аст тарзи кор, зиндагӣ ва фаъолияти хешро мутобиқ ба талаботи ҷомеаи нав гардонанд.

Дар ин замина, мавзуи интихобшудаи рисолаи илмии Камолов Шодмонҷон Валихонович дар бораи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ», яке аз мавзӯъҳои актуалии фалсафа ва илми муосир мебошад, ки аҳамияти бузурги назариявӣ ва илмӣ- амалӣ дорад.

Рисолаи мазкур аз сарсухан, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Боби якуми рисола **“Таҳлили фалсафӣ ва умумиилмии мафҳуми иттилоот”** номгузорӣ шуда, ҳадафи таҳқиқот дар ин боб омӯзиш ва таҳлили генезиси таърихӣ-фалсафии мафҳуми иттилоот, банизомдарорӣ, гурӯҳбандӣ ва таҳлили интиқодии равишҳои асосӣ дар тавсифи мафҳуми «иттилоот» дар фалсафа, информатика, семантика, биология, синергетика, инчунин дар ошкор намудани хосиятҳои асосии иттилоот мебошад.

Дар боби дуюми рисола **“Иттилоот ва ҷаҳонбинӣ”** муаллиф адолатона қайд менамояд, ки ҳаёти имрӯзаи инсонро бе иҳота ва истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ тасаввур кардан номумкин аст. Воқеияти иттилоотии муосир ва тағйироти ба он

вобаста дар таҳаввулоти минбаъдаи инсон нақши беназирро бозида истодаанд. Пас, саволе ба миён меояд, ки дарояндаи наздику дур таҳаввулоти моро чӣ интизор аст? Нуқтаи назаре вуҷуд дорад, ки инсон ба иттилоот монанди ғизо ниёз дорад ва ин боис гардида истодааст, ки дар асоси ивази меҳнати ҷисмонии инсон аз ҷониби техника майна ва косахонаи сари ӯ ҳаҷман калон ва бадани физикии ӯ ҳаҷман хурд шавад. Ё худ агар дар зинаи имрӯза ваояндаи рушди илм меҳнати фикрии инсонро зеҳни сунъӣ иваз намояд, шояд майнаи инсон хурд ва бадани физикии ӯ ҳаҷман калон гардад. Имрӯз ин ва дигар саволҳо дар маркази диққати олимон, муҳаққиқон ва коршиносон қарор доранд.

Дар ин замина, муаллиф ғояи пайдоиши одами нав – киборг (омехтаи одаму МЭҲ) ва масъалаи таҳаввулоти инсон дар шароити воқеияти иттилоотӣ (ташаккули ҳомо интеллигенс ва ҳомо электроникус)-ро ба миён гузоштааст. Ба андешаи ӯ, имрӯзҳо технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ имкон медиҳанд, ки қобилиятҳои эҷодии инсон бо имкониятҳои эҷодии низомҳои кибернетикӣ ва компютерҳо муттаҳид гарданд. Ин ҳолат метавонад дар оянда ба шаклҳои рафтор, фаъолияти иҷтимоӣ, тарзи зист, инчунин ба таҳаввулоти сотсиотехникӣ ва антропологии инсон таъсири ҷиддӣ расонад.

Иттилоот имрӯз дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи инсонӣ, инчунин, раванди маърифат ва ҷаҳонбинӣ реша давонда истодааст. Дар воқеъ, тантанаи тафаккури технократӣ дар шароити инқилоби интернетӣ ва баландравии мақоми Интернет дар сайёра ба он расонида истодааст, ки имрӯз бештари олимон, муҳаққиқон ва коршиносон дар бораи зеҳни сунъӣ, оид ба иттилоот ба ҷои дониш, оид ба хотира ба ҷои фаҳмиш сухан меронанд. Вобаста ба ин ҳолат, дар адабиёти фалсафӣ ва илмӣ зарурияти баррасии масъалаи таносуби иттилоот, дониш ва ҷаҳонбинӣ аҳамиятнок гардидааст. Имрӯз мо шоҳид ва иштирокчии фаъоли давраи нави прогресси иҷтимоӣ – ташаккули ҷомеаи нави иттилоотии глобалӣ мебошем. Ҷомеаи нави иттилоотӣ имконияти арзишмандро барои баланд бардоштани ташкили ҳаёт, сифати зиндагӣ ва рушди қобилиятҳои нави эҷодӣ муҳайё месозад. Ин ҳолат ташаккули фалсафа ва ҷаҳонбинии нави иттилоотиро тақозо дорад. Инсони муосир худро бошандаи на сотсиосфера, балки инфосфера – муҳити иттилоотӣ эҳсос менамояд. Дар ин замина, манзараи иттилоотии олам ҳамчун ҷавҳари ҷаҳонбинии нави илмӣ дар мафкураи одамон мақоми марказӣ касб намуда истодааст.

Боби сеюми рисола **“Масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** буда, муаллиф дар он нақши

ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ ва тағйироти ба он вобастаро дар рушди ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҳаёти ҷомеаи мо, бахусус, ҷавонон мавриди баррасӣ қарор додааст. Ташаккули ҷаҳонбинии мазкур на танҳо барои ҷавонон, балки барои кулли сокинони солимфикри ҷомеаи имрӯза зарур мебошад. Воқеияти иттилоотии имрӯза нишон медиҳад, ки ҳеҷ як инсон, аз ҷумла шахси ҷавон аз таъсири пуршиддати омили иттилоотӣ дар канор буда наметавонад. Сабаб дар он аст, ки иттилоот бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла тариқи маводи чопӣ, радио, телевизион, телефон, компютер, Интернет ва амсоли инҳо ба шуур ва тафаккури онҳо ворид мегардад. Аз як тараф, таъсири омили мазкур истеъдодҳои технологӣ ва зеҳнии ҷавононро пурзӯр менамояд. Аз тарафи дигар, баъзе аз ҷавонони сустиродаву ноогоҳи мо ҳангоми ворид шудан ба фазои иттилоотӣ ба доми гурӯҳҳои иртиҷоӣ ва ифротӣ афтида, ба миллату Ватан хиёнат менамоянд. Вобаста ба ин ҳолат ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар ҷавонони имрӯзаи мо ҳамчун масъалаи калидӣ дар фалсафа, илм, сиёсат ва фарҳанг мақоми калидӣ касб намудааст.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ аз ӯҳдаи иҷрои ҳамаи вазифаҳои гузошташуда баромада, ҷанбаҳои муҳими мавзӯъро пурра инъикос намудааст. Аз ин рӯ, мавзуи рисолаи илмии Камолов Шодмонҷон Валихонович дар бораи **“Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ”** барои ҷомеа ва илми муосир муҳим арзёбӣ гардида, зарурати воқеӣ дорад. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имрӯз дар давраи гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва технологӣ қарор дорад, дар ин раванд барои он ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ мақоми калидиро ишғол менамояд.

Дар диссертатсия методҳои умумии маърифати илмӣ: диалектикӣ, таърихӣ, сохторӣ-низомӣ, таҳлили функсионалӣ ва синергетикӣ, муқосавӣ ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки рисола аз камбудӣ ва норасогиҳо орӣ набуда, дар он баъзан хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ҷой доранд, инчунин баъзан мафҳумҳо тавсифи илмии пурратарро талаб менамоянд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи мазкур дар илм ва фалсафаи ватанӣ аввалин таҳқиқоти анҷомёфта мебошад ва норасогиҳои дар боло зикргардида мазмуни илмии онро коста намегардонанд. Зеро муаллиф ҳангоми омӯзиши мавзуи диссертатсия доираи васеи адабиёти илмӣ ва фалсафиро истифода намуда, дар заминаи таҳлили онҳо хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснокшуда таҳия намудааст.

Таҳқиқоти мазкур кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, муаллиф ба натиҷаҳои равшани илмӣ даст ёфтааст ва рисолаи илмии Камолов Ш.В., ки дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии

муосири илмӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа пешниҳод шудааст, аз руйи ҳамаи меъёрҳо ва талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ ва муаллифи он Камолов Ш.В. ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа сазовор мебошад.

Доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи фалсафа Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Ибодов М.О.

735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Тел.:(+992) 985-21-84-46

“Имзои д.и.ф., профессор Ибодов М.О.-ро
тасдиқ мекунам”
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Тел.:(+992 3322) 2-35-06
E-mail: info@kgu.tj